**Тақризи**
**роҳбари илмӣ дар бораи унвонҷӯ Қадамов Абдуғафор Саторович ҷиҳати иҷрои рисолаи номзадӣ дар мавзӯи «Хусусиятҳои экологии зараррасонҳои асосии растаниҳои мевадиҳандаи субтропикӣ дар минтақаи Кӯлоби Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои биология аз рӯйи ихтисоси 03.02.08 - экология**

Қадамов Абдуғафор Саторович соли 2013 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи Институти зоология ва паразитология ба номи Е.Н. Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дохил шуд. Барои иҷрои рисолаи номзадӣ барои ӯ мавзӯи «Хусусиятҳои экологии зараррасонҳои асосии растаниҳои мевадиҳандаи субтропикӣ дар минтақаи Кӯлоби Тоҷикистон» интихоб ва дар Шӯрои илмӣ тасдиқ карда шуд.

Қадамов А.С. дар давоми таҳсил дар аспирантура қобилият ва малакаи хуби илмӣ нишон дода, ба иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқоти пурарзиш ва таҳияи рисолаи номзадӣ таваҷҷуҳ ва масъулияти зиёд зоҳир менамуд. Ӯ дар давоми фаъолияти илмии худ дар Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н. Павловский Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ҳамчун мутахассиси соҳаи экология ва энтомология, таркиби намуди зараррасонҳои асосии растаниҳои мевадиҳандаи субтропикии минтақаи Кӯлоби Тоҷикистонро муайян намуда, тавсияҳои илман асоснокро оид ба чораҳои мубориза бар зидди онҳо таҳия намудааст.

Натиҷаи асосии корҳои илмии Қадамов А.С., ки дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр гардидаанд, дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор гирифтаанд. Зикр намудан зарур аст, ки рисолаи ӯ бо забони тоҷикӣ омода гардида, баҳри пешрафти илми экология дар кишварамон нақши арзишманд хоҳад гузошт.

Қадамов Абдуғафор Саторович аз ӯҳдаи коркард ва таҳлили адабиётҳои ҷаҳонӣ доир ба мавзуъ, ҳалли мақсаду вазифаҳои гузошташуда ва таҳияи рисолаи илмӣ ба хубӣ баромадааст. Номбурда на

танҳо дар самти омӯзиши зараррасонҳои растаниҳои мевадиҳандаи субтропикӣ балки дар пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба дигар гурӯҳи зараррасонҳо низ иштирок менамояд.

Дар асоси гуфтаҳои боло хулоса намудан мумкин аст, ки Қадамов А.С. ҳамчун мутахассиси соҳибтаҷриба ба камол расида, дар байни аҳли кормандони Институт соҳиби эътибор ва эҳтиром мебошад.

Роҳбари илмӣ, номзади илмҳои биология, директори Институти зоология ва паразитология ба номи Е.Н. Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон — Ҳакимов Ф.Р.

Имзои Ф.Р. Ҳакимовро тасдиқ менамоям, нозири шуъбаи кадрҳои Институти зоология ва паразитологияи ба номи Е.Н. Павловскийи Академияи милли илмҳои Тоҷикистон — Яқубова Н.М.